*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

# ТАҚРИЗИ

муқаризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов Аврор Бобоевич ба диссертатсияи Султонзода Исо Муҳаммад дар мавзӯи **“Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ”** (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси: 6D050600 – Иқтисодиёт пешниҳод шудааст.

## 1. Муҳимияти мавзӯъи татқиқоти диссертатсионӣ

Мавзӯи таҳқиқоти диссертасиони Султонзода Исо Муҳаммад – “Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ” мутобиқ ба талаботи дурнамои рушди ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон ба иҷро расидааст. Яке аз омилҳои рушди иқтисодиёти ҳар кишвар, фаъолияти баланди сармоягузорӣ мебошад, ки ба рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд ва дар натиҷа беҳбудии ҷомеаро баланд мебардорад. Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар шароити муосири иқтисодӣ барои ҳалли вазифаҳои суръатбахшии рушди иқтисодии кишвар дар ҳолати мавҷуд набудани сармояи дохилӣ нақши муҳим доранд. Сармоягузории мустақими хориҷӣ на танҳо воридоти иловагии молиявиро ба иқтисодиёти кишвари қабулкунанда таъмин менамояд, балки эҳтиёҷоти онро ба воситаҳои нави пешқадами истеҳсолот, таълими касбии коргарон, усулҳои меҳнат ва истифодаи беҳтари захираҳои истеҳсолӣ қонеъ мегардонад.

Аз таҳлилҳои матраҳшуда бармеояд, ки амалияи ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай таҷрибаи корӣ вуҷуд дорад. Аммо, ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ба кишвари мо ҳоло ҳам кам аст. Барои ин таҳқиқи сабабҳои ба воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон монеъшаванда, таҳлили амиқ ва усулҳои имконпазири ҷараёни сармоягузорӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд. Суръатбахшии сармоягузории мустақими хориҷӣ дар шароити ҳозира воситаи муҳими баланд бардоштани рушди иқтисодии кишвар, ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва бозори молиявии байналмилалӣ мебошад. Чунки равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ аҳамияти афзояндаи сармоягузории мустақими хориҷиро тавсиф мекунанд. Яке аз аломатҳои тамомияти иқтисоди ҷаҳонӣ, ба даст овардани нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар ҳама шаклҳои муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур, ки ба ҳалли муаммоҳои муҳими илмӣ дар самти дарёфти роҳҳои танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ ва механизмҳои истифодаи оқилонаи он дар иқтисодиёти миллӣ бахшида шудааст, ки муҳимити баланди илмӣ дорад.

2. **Дарачаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаву пешниҳодҳо, ки дар диссертатсия омадаанд.**

Дар раванди ҳалии илмии масаълаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажӯҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти назарияи танзим ва амалияи ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ, коркарди пешниҳодҳои илмиву амалӣ дар ҷодаи такмили усул ва роҳҳо зиёд намудани сармоягузорҳои мустақими хориҷӣ рӯи кор омадааст.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмияти онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанивию хориҷиро дар соҳаи назария ва амалияи сармоягузориҳо ва истифодаи самараноки онҳо эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд, махсусан: тахайюлоти (абстраксияи) илмӣ, таҳлил ва синтез, таҳлили сababӣ-оқибатӣ, таҳлили маҷмӯавӣ ва низомӣ, усули муқоисакунӣ, усули таҳлили эмпирикӣ, хулосабарорӣ, аналогия, таҳлили маълумоти оморӣ, ифодаёбии графикӣ ва ҷадвалии маводҳои аслӣ.

Заминаи иттилоотии таҳқиқоти илмиро дастурҳо баромадҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, маводҳои чопии даврагии иқтисодӣ ва ВАО, маводҳои конференсияҳо, маводҳои таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» ташкил додаанд.

Шиносоӣ бо кор нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиёҳои илмӣ доир ба мавзӯъи таҳқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқот ҷамъ овардааст, коркард ва таҳлил намудааст.

3. **Саҳеҳи ва навгонии таҳқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда.**

Ба назари мо элементҳои навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муаллиф гузошташуаро хеле саҳеҳ тавсия медиҳад, чунинанд:

- васеъ намудани ҷанбаҳои назариявии мафҳуми сармоягузории мустақими хориҷӣ ҳамчун сармояи молиявӣ, молӣ ва интеллектуалии сармоягузорони хориҷӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ мусоидаткунанда ва гирандаи сармоя бо мақсади ба даст овардани фоида равонагардида;

- асоснок намудани тарзу услуби арзёбии самаранокии сармоягузории мустақими хориҷӣ; омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои тараққикарда оид ба ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ва асоснок намудани истифодаи амалии он дар мамлакат;

- арзёбии ҳолати имрӯзаи ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ, пеш аз ҳама дар соҳаҳои гидроэнергетика, кишоварзӣ, нақлиёт, сайёҳӣ ва ғайраҳо, ки ба ҳайси иттилооти илмиву амамлии нав хидмат менамоянд;

- бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ вобастагии байни ММД ва сармоягузорӣ муайян гардида, барои таҳлил ва арзёбии сармоягузорӣ модели регресионии сармоягузорӣ, модели тренди дурнамои ММД ва сармоягузорӣ таҳия карда шудааст, ки дар асоси он дурнамои нишондиҳандаҳои мазкур дар ҷумҳурии мо барои солҳои 2019-2025 ҳисоб карда шудааст;

- мушкилотҳои асосии ҷалби сармоягузории мустақими хориҷии дар ҷумҳурӣ мавҷудбуда, ки асосан ба дараҷаи нокифояи рушди инфрасохтори соҳаи сармоягузорӣ, номукаммал будани қонунгузорӣ, номукаммали механизмҳои суғуртаи сармоягузорӣ, махсусан сармоягузориҳои хориҷӣ алоқаманд аст, ошкор карда шуданд;

- тавсияҳои методӣ ва амалиявӣ оид ба самтҳои баландбардории танзими ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолгардонии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба соҳаҳои афзлиятоки иқтисодиёти миллӣ муайян ва пешниҳод карда шудаанд.

Дар сарсухани диссертатсия муҳимияти мавзӯъ, сатҳи коркарди он, ҳадаф ва вазифаҳо, гипотезаи диссертатсия ва ғ. муаяйн карда шудааст.

**Дар боби аввал - "Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар шароити афзуншавии тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ"** масъалаҳои тамоюлҳои нав дар ҳаракат ва тақсимоти сармояҳои мустақими хориҷӣ, ҷанбаҳои назариявӣ ва самтҳои афзалиятноки сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, самаранок тақсим кардан ва истифода бурдани сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар ин боби диссертатсия тамоюлҳо, ҷанбаҳои назариявӣ ва масъалаҳои самаранок тақсим кардану истифода бурдани сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Барои тавсиф додани сармоягузории мустақими хориҷӣ аз ҷониби муаллиф таърифи сармоягузории мустақими инноватсионии хориҷӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ аниқ карда шудааст. Шарҳи мафҳумҳоро оиди сармоягузории мустақими хориҷӣ, ки дар адабиётҳои вомехуранд, низомбандӣ карда шудааст. Муаллиф такид намудааст, ки самти сармоягузории сармояи мустақими хориҷӣ бо роҳи оптимизатсияи таркиби преференсияҳои андозӣ барои сармоягузорони хориҷӣ дар мавридҳое, ки онҳо сифати баланди сармоягузориро таъмин месозанд, ҷоннок карда шавад". (саҳ.12-26). Сипас, ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва самти афзалиятноки сармоягузории мустақими хориҷи мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар асоси омӯзиши таҳқиқоти зиёд доир ба омӯзиши масъалаҳои сармоягузории мустақими хориҷӣ бори дигар исбот намудааст, ки сармоягузории мустақими хориҷӣ унсури

муҳими рушди иқтисодии ҳамаи кишварҳо ва махсусан мамлакатҳои рушдёбанда маҳсуб меёбад.

Муаллиф қайд намудааст, ки мақсади асосии назарияҳои СМХ ба дарёфти роҳҳои рушди иқтисодии мамлакат ба туфайли ҷалби чунин сармояҳо равона шудааст. Назарияҳои СМХ нуктаҳоеро бояд дар бар гиранд, ки онҳо дар ташкил ва гузаронидани сиёсати сармоягузорӣ ба рушди иқтисодиёт ва рушди индустриалии мамлакат хидмат намоянд. (с. 26-42.).

Муаллиф дар рафти таҳлилҳои гузаронидашуда хулоса намудааст, ки дар шароити имрӯза барои таъмини тавозуни макроиқтисодиёт фаъолиятро на танҳо ба зиёд кардани ҳаҷми воридоти сармояҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ, балки бояд ба тақсимоти самараноку оқилонаи сармояи ҷалбшуда равона намуд. Вай таъкид намудааст, ки воридоти фаъоли сармоягузории мустақими хориҷӣ на танҳо ба омилҳои беруна, балки ба омилҳои дохилӣ низ алоқамандӣ дорад. Дар диссертатсия омадааст, ки дар шароити аз имконияти ҷалб ва истифодаи самараноки сармояи хориҷӣ вобаста будани иқтисодиёти мамлакат дар маҷмӯъ ва фаъолияти субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ такмили тарзу услуби арзёбии самаранокии ҷалби сармояи беруна ба масъалаи хеле муҳимми илмӣ пазируфта методҳои мавҷудаи арзёбии самаранокии ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷиро тасниф намудааст.(с. 51).

**Дар боби дуюм – «Вазъияти муосири идора ва танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ»** методҳои ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва танзими он дар иқтисодиёти миллӣ, идора ва танзими соҳавии ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ, шаклҳои муосири идора ва танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва дигар масъалаҳо мавриди омӯзиш ва таҳқиқот қарор дода шудааст.

Дар ин боби диссертатсия қайд гардидааст, ки дар шароити муосири иқтисодӣ, рушди ҷалби сармоя бе ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ имконнопазир аст. Чунки равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ аҳамияти афзояндаи сармоягузории мустақими хориҷиро тавсиф мекунанд. Яке аз аломатҳои тамомияти иқтисоди ҷаҳонӣ, ба даст овардани нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар ҳама шаклҳои муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ мебошад.

Дар диссертатсия омадааст, ки иқтисодиёти кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон (иқтисодиёти кушоди хурд) на танҳо аз нуқтаи назари содирот ва воридот, инчунин дар доираи иштироки иқтисодиёти мамлакат дар ҳаракати байналхалқии сармояи мустақими хориҷӣ ба назар мерасад. Дар дисертатсия омадааст, ки дар ҷалби сармояи хориҷӣ аслан омилҳои макроиқтисодӣ, аз қабили ғунҷоиши бозори дохилӣ, мустаҳкамии қурби асъор, устувории сиёсӣ, инчунин дараҷаи инкишоф

ва шароитҳои хуби инфрасохтор ва нишондиҳандаҳои бозори меҳнат, мавқеи аввалиндарача доранд.

Муаллиф қайд мекунад, ки барқарор кардани неруи сармоягузорӣ бо ташаккули бозори самараноки пул ва ташкили механизмҳое, ки сафарбаркунии захираҳо ва ҷойгиркунии нисбатан самараноки онҳоро таъмин месозад, бо васеъшавии пойгоҳи андозӣ, ташкили сектори рақобатпазири молиявӣ, низоми давлатии ташкилотҳои суғурта ва кафолатнокии сармояҳо, ташкили бонкҳои рушд бо ширкати давлат, ки ба сармоягузори сектори воқеӣ махсус гардонида шудаанд, бозорҳои коғазҳои қиматнок, рушди бонкҳои тиҷоратӣ, молиявӣ, ширкатҳои сармоягузорӣ ва фондҳои сармоягузорӣ, иҷроиши талаботи пойгоҳи қонунгузории ба фаъолияти сармоягузорӣ равонашуда, мусоидат ба ташкил ва васеъгардонии корхонаҳои муштарак, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳавасмандгардониҳои андозиву гумруктӣ алоқаманд мебошад (саҳ. 52- 69).

Сипас вазъи соҳаи сармоягузорӣ ва ҷолибияти сармоягузории иқтисодиёти миллӣ таҳлил шудааст. Дар диссертатсия тамоюли рушди сармояи мустақим хориҷӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки назар ба сармояи портфелӣ ва дигар сармоягузориҳо, ки арзишҳои пулии баргардонидашаванда ва мӯҳлатноканд, сармояи мустақим бо инкишофи сектори воқии иқтисодиёт, технологияҳои пешқадам ва истифодаи воситаҳои муосири менеҷмент ва маркетинг алоқамандии зич доранд. Илова бар ин сармояи мустақими хориҷӣ ба зиёд шудани қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда намерасонанд.

Дар диссертатсия бо мақсади таҳлил ва дурнамои ММД ва сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон усулҳои коррелятсионӣ-регресиионӣ ва моделҳои тренди қатори вақтиро истифода намудааст. Барои таҳлили коррелятсионӣ, таҳияи модели ҳисобии регрессионӣ ва дурнамои ММД ва сармоягузорӣ, маълумотҳои омории нишондиҳандаҳои мазкур барои солҳои 2007-2018 истифода бурда шудааст. Муаллиф моделро истифода намуда, дурнамои сармоягузориро барои солҳои 2019-2025 ҳисоб намуда, инчунин бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ дар асоси қиматҳои ҳисобкардашуда, дурнамои сармояи мустақим ва дигар намуди сармоягузорӣ (ғаримустақим)-ро низ барои солҳои овардашуда ҳисоб ва пешниҳод намудааст (с. 70-87)

Дар диссертатсия шаклҳои муосири идора ва танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ таҳлил шудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки идоракунии сармоягузорӣ як қисми сиёсати иқтисодии давлатӣ мебошад, ки ҳадафи он ташаккули сандуқи сармоягузорӣ, ба таври дуруст ҷалб намудани сармоягузории мустақими хориҷӣ ва идоракунии маблағҳо дар марҳилаи сармоягузорӣ барои татбиқи лоиҳа мебошад. Ҳангоми амалисозии лоиҳаи сармоягузорӣ бояд манфиатҳои тарафҳо, яъне сармоягузор ва кишвар ба

назар гирифта шавад. Кишвар ба ҷалби сармоягузориҳои босифат бо нархи арзон, сармоягузор бошад ба баръакси он манфиатдор аст. Барои рафъи ихтилофот ва мунокишаҳои ба миёномада муаллиф пешниҳод намудааст, ки музокираҳои мустақим бояд ташкил карда шаванд ва ин ихтилофҳо дар доираи қарордодҳои дахлдор ҳал карда шаванд. Аз ин лиҳоз, манфиатҳои ҳамаи иштироккунандагон ҳам сармоягузорон ва ҳам кишвари ҷалбкунанда ба эътибор гирифта, дар риштаи идора ва танзим гирифта мешавад. Чунки ҳамаи онҳо барои риояи саривақтии созишномаҳо манфиатдоранд.(саҳ.87)

Муаяйн карда шудааст, ки ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ як соҳаи мушаххаси иқтисодӣ мебошад, бинобар он вай ба объекти идоракунӣ табдил ёфтааст. Барои таъмини он функсияҳои (вазифаҳои) муайяне ба мисли пешгӯии ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ. банақшагирии ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ва натиҷаи он барои мамлакат, ҳавасмандгардонӣ, ки боиси баланд шудани ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар мамлакат мегардад, назорат ва мониторинги вазъи ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар мамлакат ва рақибони он ва г. тасниф шудаанд. (саҳ.92)

Дар диссертатасия таъкид шудааст, ки низоми ҳавасмандгардониҳо барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст, ба талабот нисбат ба СМХ дар тамоми ҷаҳон шаклгирифта ҷавобгӯ мебошад. Ин воситаҳо дар доираи салоҳиятҳои давлат ба реҷаи воридшавӣ, иштироки сармояи хориҷӣ дар бозори минтақавӣ ва баромад аз он имтиёзҳо муқаррар менамоянд. Ба сифати воситаҳои иловагии танзим дар бисёр минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории махсуси таҳия гардидааст, ки амалан ҳамаи гурӯҳҳои дар боло ишорашудаи воситаҳои дастгирӣ ва маҳдудкуниро истифода мешаванд.

Муаллиф мушкилоти «нофаҳмии имкониятҳои пӯшидаи СМХ» муаян намуда, роҳҳои ҳалли онҳоро, масалан, қисман тавассути ба роҳ мондани муносибати маҳдуд накардани ҷалб ва истифодаи сармояи хориҷӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ҳаллу фасл кард. Пешниҳод намудааст (с.92-103).

**Дар боби сеюм – «Такмили методҳо ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии идораву танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ»** мушкилот ва монеаҳо дар роҳи такмили идоракунӣ ва танзими СМХ дар иқтисодиёти миллӣ, такмили методҳои ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар шароити афзудани тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ, тавсияҳо барои баланд бардоштани самаранокии идора ва танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва ғайраҳо таҳқиқ шудаанд.

Дар диссертатсия муаяйн карда шудааст, ки шарти асоси тараққиёти иқтисодиёт фаъолнокии босуботи инвестсионӣ ҳисоб меёбад, ки бо роҳи восеъ кардани ҳаҷми манобеи сармоявии азхудшуда ва истифодаи

самараноки он дар сохторҳои пешбари истехсолоти моддӣ ва соҳаи иҷтимоӣ дастрас карда мешавад.

Муаллиф дар диссертатсия оид ба номукаммал будани қонунгузории ҷумҳуриявӣ дар бораи сармоягузорӣ тавачӯҳ намудааст. Ӯ афзудааст, ки қонунҳое, ки регламенти фаъолияти сармоягузориро муайян месозанд дорои камбудиҳои ҷиддӣ мебошанд. Аксар қонунҳо байни ҳам алоқамандӣ надошта, якдигарро инкор мекунанд. Ба ақидаи ӯ мавҷуд набудани пойгоҳи қавии қонунгузории муносибати байни минтақаҳо ва марказро танзимкунанда, коркарди нокомили механизмҳои суғуртаи сармояҳои хориҷӣ, мавҷуд будани санадҳои қувваи баръаксдошта омили асосии вайронкунандаи танзими рушд ва ҷалби сармоя ба иқтисодиёти мамлакат маҳсуб мешавад. Дар шароити имрӯза санадҳои асосии қонунгузорӣ қабул гардидаанд, ки сармоягузории ватаниро ба танзим медароранд. Ҳолати қонунгузорӣ оид ба таъмини сармоягузории хориҷӣ дар вазъияти бад қарор дошта бошад ҳам, вале дар асоси на танҳо қонунҳо, балки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳукуматӣ ва соҳавӣ имкон пайдо гардид, ки як қатор мушкилоти ба воридшавии сармояи хориҷӣ монеъшаванда ҳал карда шавад. Ба ин ба хориҷа баровардани қисмати муайяни фоида ва ҳаққи саҳми соҳибмулкони хориҷӣ мисол шуда метавонад. Ҳамзамон, яке аз мушкилоти муҳими дигар, ин дар дасти аксар ширкатҳои калоне, ки асосан ба содир кардани захираҳои табиӣ машғуланд, мавҷуд будани маблағҳои калони пулӣ мебошад, ки онҳо на ба рушди иқтисодиёти Тоҷикистон, балки ба хориҷа равона шудаанд.

Ба андешаи муаллиф иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо вуҷуди дар ихтиёр доштани неруи сармоягузорӣ ва захираҳои мувофиқ ба сармоягузорони хориҷӣ барои сармояи гузоштаашон кафолат дода наметавонад. Илова бар ин, захираҳои сармоягузорӣ дар байни минтақаҳо номутаносиб тақсим гардида, он асосан дар шаҳрҳои нисбатан калонтар ва минтақаҳои аз захираҳои табиӣ бойбуда ба ҳам оварда шудаанд минтақаҳои боқимонда ва қисмати бештари соҳаҳои коркард имконият надоранд, ки ин неруи сармоягузориро истифода намоянд (саҳ. 104-121)

Дар ин боби диссертатсия, ҳамзамон такмили методҳои ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар шароити афзудани бухрони ҷаҳонӣ, асоснок карда шудааст. Муаллиф дар ин ҷода муносибати прагматикиро ба масъалаи беҳтар сохтани муҳити корӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти инвсетитсионӣ ба амал баровардани як қатор тадбирҳоро дар бобати ҳимояи қонунии рақобат ва тағйироти мотиватсияи аппарати давлатӣ, паст кардани монеаҳои воридшавӣ ба бозор ва ғайраро тақозо менамояд, изҳор намудааст. (саҳ.121-137).

Дар диссертатсия тавсияҳо барои баланд бардоштани самаранокии идора ва танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки мавқеъгирии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонии сармоягузорӣ бояд бо дурнамоии фаъоли тавсифоти ҷолибияти сармоягузории он ба

амал бароварда шавад. Ба чунин тавсифот бозори калони дохилӣ, фаровонии захираҳои табиӣ, қувваи кории нисбатан арзон, неруи бузурги ақлонӣ, аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ба сармоягузорони хориҷӣ ва ватанӣ, бозори ИДМ наздик будани он, захираҳои бойи табиӣ ва ғайраҳоро дохил намудааст, ки ҳамаи онҳо дар маҷмӯ бояд ҳавасмандии сармоягузорони мустақими хориҷиро бедор намояд. (саҳ. 137- 151)

Дар хотимаи диссертатсия хулсаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо дар 13 банд омадааст.

1. **Муҳимияти хулосаву пешниҳодҳо ва имконияти истифодаи онҳо илм ва амалия**.

Андешаҳои назариявӣ диссертация метавон гуфт, ки дар густаришу рушди назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ саҳмгузор шудаанд. Масалан, таҳияи консепсияи назариявию амалии танзим ва идоракунии ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ, коркарди модели дурнамои ММД ва сармоягузории хориҷӣ ва пешниҳоди тавсияҳои методиву амалӣ оид ба роҳҳои баландбардории танзим ва идораи ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ аз он иборат аст, хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашударо дар фаъолияти амалӣ, бахусус дар мавриди таҳияи стратегия ва барномаҳои ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст. Онҳоро инчунин мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои такмили қонунгузорӣ ва таҳияи тадбирҳо дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ истифода бурда метавонанд. Ба ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷараёни фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нав дар ҷодаи коркарди механизми татбиқи барномаҳои соҳави истифода шуданаш мумкин аст.

5. **Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба шаклгирии диссертатсия**

Албатта, таҳқиқоти диссертатсионӣ аз нигоҳи муқарриз дорои як қатор носаҳеҳо аст, ки умуман наметавонад сифати илмии ва меҳнати илмии муаллифро коста намояд. Эроду дархости муқариз чунин аст:

1. Диссертатсия зери уновони “Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ” ба иҷро расидааст. Аммо бояд дар боби аввал, пас аз ҷанбаҳои назариявӣ, моҳияту самтҳои афзалиятноки сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, моҳият ва назарияи танзими сармоягузории мустақими хориҷи, таснифи методҳои он ҳамчун празрафи алоҳида мавриди таҳқиқ қарор мегирифт, яъне, дар он қисми назариявии параграфҳои 2.2 ва 2.3. ҷой мегирифт мантиқан ба мақсад мувофиқ буд.

2. Ба назарри мо объекти таҳқиқот ва мавзӯъи таҳқиқот омехта шудаанд, бояд ҷойҳояшон иваз мешуд. Ба ибораи дигар объекти

таҳқиқот бояд премет мешуд ва дар пояи ҳадафҳои таҳқикот қарор мегиифт. Зеро маҷмӯи муносибатҳои иқтисодиву идоракунӣ доир ба ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ва аз ин ҷост танзиму идоракунии он дар иқтисодиёти миллӣ ба мавзӯъи диссертатсия мувоффиқ аст.

3. Дар диссертатсия аксаран ибораи “Муҳити сармоягузорӣ” истифода шудааст. Аммо моҳият ва тарзу услуби арзёбии муҳити сармоягузории хориҷи чандон возеҳ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

4. Сармоягузории мустақими хориҷи асосан бо роҳи таъсиси корхонаҳои муштарак бо иштироки сармояи хориҷи амалӣ гардонида мешавад. Аммо, фаъолияти ин корхонаҳои муштарак берун аз доираи таҳқиқот қарор гирифтааст.

5. Муаллиф механизмҳо ва методҳои ҳавасмандгардониҳои СМХ-ро тасниф намудааст. Аммо, доир ба таъсири амалии онҳо, масалан ҳавасмандгардонии фискалӣ ва таъсири он ба воришавии сармоя дар сатҳи кифоя таҳлил нашудааст.

6. Аксари ҷадвалҳое, ки дар диссертатсия омадаанд, сифати иттилоотӣ доранд на таҳлилӣ.

7. Дар саҳ. 61 омадааст «Тахфифи сармоягузорӣ ва қарзҳои андозӣ дар қиёс бо таҳлилҳои андозӣ афзалиятро дороанд, зеро онҳо абзори нисбатан таъсирбахши ҷалби сармоя дар ин ва ё он шакли дилхоҳ ба ҳисоб мераванд”. Аммо, ин инструменти танзим бояд таҳлили амалӣ мегашт.

8. Дар матни диссертатсия як қатор саҳвҳои забонӣ, ки бо истилоҳоти забони давлатӣ мутобиқ нестанд, вомехуранд.

Аммо эроду дархостҳое, ки дар боло зикр шудаанд, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Султонзода Исо Муҳаммадро коҳиш намедиҳад. Дар кулл диссертатсияро метавон гуфт, ки таҳқиқоти ба итмомрасида аст, мустақилияти муаллиф дар пажӯҳиш эҳсос мешавад.

**6.Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашриҳои илмӣ**

Асарҳои интишоршуди муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия ҷой доштаро дар худ инъикос намудаанд. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 10 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 5,1 ч.ш.ч, аз он ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА эътироф шуда, чоп карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ, семинарҳои Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, низ ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён шуда буданд.

## 7. Мутобиқати мазмуни автореферат бо мазмуни диссертасия

Автореферати диссертасия мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намудааст ва дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя бароварда мешавад ҷой гирифтааст.

Аз нигоҳи мазмуни илмӣ ва шакли баён диссертатсия дар мавзӯи **“Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ”** (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), бешубҳа кори илмиву тахассусӣ буда, дар он ҳалли муаммои илмӣ, ки аҳамияти муҳиму афзалиятнокро дар рушди илми иқтисоди ватанӣ доро аст, комилан бо талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст. Аз ин лиҳоз муаллифи он Султонзода Исо Муҳаммад сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси: 6D050600 – Иқтисодиёт мебошад.

**Муққарази расмӣ, муовини директори**
**Институти иқтисодиёт ва демография**
**АМИ ҶТ, доктори илмҳои ииқтисодӣ,**
**профессор** **Мирсаидов А.Б.**

**Имзои Мирсаидов А.Б-ро тасдиқ мекунад**
**Иниспектори калони шуъбаи кадрҳо** **Қурбонов Э.Т**

*Институти иқтисодиёт ва демография 734024 ш.. Душанбе, х. Айни, 44. Тел. (992 37) 221-67-50, факс (992 37) 221-57-65, e-mail: eco_institute@rambler.ru*